# МАВЗӮИ 1. МУҚАДДИМАИ БИЗНЕС-НАҚША

**1.1. Моҳият ва аҳамияти бизнес-нақша**
**1.2. Мақсади тартиб додани бизнес-нақша**
**1.3. Вазифаҳои асосии таъиноти бизнес-нақша**
**1.4. Машғулиятҳои амалӣ доир ба мавзӯъ**

## 1.1. Моҳият ва аҳамияти бизнес-нақша

Новобаста ба душворӣ ва муаммоҳо дар соҳаи соҳибкории хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аллакай, шахсони зиёд бо соҳибкорӣ машғуланд. Дар як вақт бизнес (тиҷорат) - ин самти махсуси фаъолият мебошад, ки дар он одамон тайёранд, то қарори мустақилонаро қабул кунанд. Соҳибкоре, ки бо тиҷорат машғул шудан мехоҳад, бояд ташкили онро дуруст ба нақша гирад. Сухан дар бораи бизнес–нақша меравад, ки дар тамоми дунё ҳама гуна чорабиниҳои тиҷоратӣ бо он оғоз мешавад. Дар шароити бозор чунин нақшаҳо ба ҳама заруранд: ба корманди бонк ва сармоягузор, ба коргари ширкат, ки мехоҳад имконият ва вазифаҳои худро баҳо диҳад ва пеш аз ҳама, ба худи соҳибкор, ки бояд дурустии фикри худ ва дурандешона будани онро таҳлил намояд. Бинобар ин, бидуни тартиб додани бизнес-нақша ба фаъолияти тиҷоратӣ шуруъ намудан умуман ҷоиз нест, зеро имконияти нобаробарӣ аз ҳад зиёд буда метавонад. Дар мамлакати мо бизнес-нақша таҳаввулоти махсусро аз сар гузаронд. Дар ибтидо ва амалан то интиҳои солҳои 90-ум бизнес-нақшаро ҳамчун ҳуҷҷате, ки дар вақти вуҷуд доштани он маблағҳои пулиро аз ягон манбаи давлатӣ ё аз сармоягузори хориҷӣ дастрас кардан мумкин аст, баҳо медоданд. Аз нуқтаи назари мутахассисони ширкатҳои машваратӣ одатан мизоҷон ба назди онҳо бо чунин ақида меомаданд, ки ба онҳо пул лозим аст, на ин ки бизнес-нақша. Чунин буд, муносибати соҳибкорон нисбат ба бизнес-нақша. Муносибате вуҷуд дорад, ки аз як тараф натиҷаи рад кардани банақшагирии кӯҳнаи директивӣ бошад, аз тарафи дигар итминони комил доштан ба он, ки агар давлат

маблағгузорӣ накунад, он гоҳ сармоягузори хориҷӣ сармоягузорӣ мекунад. Фаҳмост, ки сармоягузори хориҷӣ ақидаи тамоман дигар дорад: якум, ӯ ба ягон кас, ягон чиз қарздор нест, дуюм, вай хеле хуб мефаҳмад, ки агар соҳибкор бизнес-нақшаи дуруст тартиб дода натавонад, он гоҳ вазифаҳои дар бизнес-нақша гузошташударо иҷро карда наметавонад.

Бизнес-нақша воситаи махсуси идоракунӣ аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти имрӯзаи бозоргонӣ новобаста аз андозаи корхона, доираи фаъолияти он, шакли моликият васеъ истифода бурда мешавад.

Дар шароити имрӯза яке аз воситаҳои муҳимтарин ин банақшагирии бизнес-нақша мебошад.

Бизнес–нақша модели муайяни фаъолияти корхона мебошад, ки ҳамаи коркарди банақшагирии анъанавиро дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ истифода мебарад. Моҳиятан, бизнес-нақша барномаи фаъолияти соҳибкорӣ аст. Бизнес-нақша ҳолати корхона (ҳозира ё оянда); маҳсулот ё хизматрасонии банақшагирифташаванда (махсусан, афзалият нисбат ба рақибон муҳим аст); бозоре, ки дар он фурӯши ин маҳсулот (хизматрасонӣ) ба нақша гирифта  шудааст; захираҳо ва тахассуси кормандон; эҳтиёҷоти молиявӣ ва натиҷаи молиявии нақшавиро тавсиф мекунад.

Аз рӯи шакли худ, бизнес-нақша - ин ҳуҷҷати расмиест, ки яке аз воситаи асосии соҳибкор барои ҷалб намудани дастгирии берунии молиявӣ мебошад. Ин ҳуҷҷат ба соҳибони захираи молиявӣ оид ба гуфтушуниди муносиб маълумот пешниҳод намуда, устувории икдоми соҳибкориро нишон медиҳад.  Дастгирии имконпазири молиявии берунӣ ба таври зерин ба роҳ монда мешавад:

-иштироки шарик (бо маблағ ва ё таҷрибаи он) дар фаъолияти якҷоя;

- ҷалби сармоягузориҳо;

- гирифтани қарз;

- ба воситаи лизинг ба даст овардани таҷҳизот;

- истифодаи имтиёзҳои андоз дар асоси қарорҳои давлатӣ.

Соҳибкор барои татбиқ намудани бизнес-идея бизнес-нақшаро таҳия намуда, стратегияи бозорӣ, фикр ва матлаби худро бо во□еият ва захираҳои гуногуни маҳдуд чен мекунад. Ин барои халосӣ аз чунин иштибоҳоти асосӣ, ба монанди норасоии сармоя барои таъсисдиҳӣ, фаъолияти корхона ва тавозуни манфии ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳангоми татбиқ намудани бизнес-идея мусоидат мекунад.

Фармоишгарони бизнес–нақша – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва инвеститсиониро ба роҳ мемонанд, ки шарту натиҷаҳои он дар бизнес-нақша таҳлил ва пешбинӣ карда мешавад.

Таҳиягарони бизнес-нақша ширкат□ое, ки дар соҳаи фаъолияти маркетингӣ, балоиҳагирӣ, коллективи муаллифон, муаллифи алоҳида махсус гардонида шуданд, ба ҳисоб меравaнд. Дар ҳолати зарурӣ ширкатҳои машваратӣ ва экспертон ҷалб карда мешаванд.

Бизнес – нақша - ин хуҷҷатест, ки дар он тамоми ҷиҳатҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ тавсиф карда мешавад; муаммоҳои асосие, ки бо онҳо соҳибкор рӯ ба рӯ мешавад, таҳлил ва роҳҳои асосии ҳалли ин муаммоҳо муайян карда мешаванд. Он барои тамоми шаклу намуди соҳибкорӣ бо мақсади дуруст таҳлил намудани ғояи худ, санҷидани оқилона ва ба ҳақиқат наздик будани он ва бо ин роҳ кам намудани зарар аз пайдошавии хавфи эҳтимолӣ лозим аст. Бизнес-нақша барои онҳое, ки мақсади маблағгузории лоиҳа ё пешниҳоди амволро барои амалӣ намудани лоиҳа доранд, барои тасдиқи дурустии ин амали андешидашуда ва қобилияти баргардонидани қарз, амволи ба иҷора додашуда зарур аст.

Сармоягузорон (сармоягузорон) он лоиҳаҳоеро маблағгузорӣ мекунанд, ки бо эҳтимолияти кофӣ ба онҳо гирифтани фоидаи зиёдтаринро кафолат медиҳад.

## 1.2. Мақсади тартиб додани бизнес – нақша

Бизнес – нақша ба нишон додани даромаднокии лоиҳаҳои пешниҳодшуда ва ҷалб намудани аҳли шартномаи эҳтимолӣ, шарикон ва сармоягузорони эҳтимолии молиявӣ имконият медиҳад. Мақсади таҳияи базнес-нақша банақшагирии фаъолияти хоҷагии ширкат дар давраи наздику дур тибқи талаботҳои бозор ва имкониятҳои дастрас намудани захираҳои зарурӣ мебошад.

Соҳибкор ҳангоми тартиб додани бизнес-нақша агар чунин вазифаҳои асосиро ҳал намояд, он гоҳ метавонад ба мақсади гузоштааш ноил шавад:

- самтҳои муайяни фаъолияти ширкат, бозори мақсаднок ва мавқеи ширкатро дар ин бозорҳо муайян созад;
- ҳадафҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддати ширкат, стратегия ва тактикаи ноилшавии онҳоро ташкил намояд,
- шахсонеро, ки ба иҷрои стратегия масъуланд, таъин намояд;
- ҳайати кормандонро интихоб намуда, нишондиҳандаҳои молу хизматрасониро, ки онро ширкати истеъмолкунанда пешниҳод мекунад, муайян намояд;
- мувофиқати кадрҳои мавҷудаи ширкат, шартҳои асосноки меҳнати онҳоро, ки бо талабот барои ноилшавии вазифаҳои гузошташуда пешниҳод шудаанд, муайян созад;
- чорабиниҳои бозоршинос (маркетинг)-и ширкатро оид ба омӯзиши ширкатҳо, тарғибот (реклама), ҳавасмандгардонии фурӯш, муайян кардани нарх, роҳҳои фурӯш муайян намояд;
- вазъи молиявии ширкат ва мувофиқати захираҳои моддию молиявиро ба имкониятҳои дастрасии мақсадҳои гузошташуда ба ҳисоб гирад ва баҳо диҳад;
- мушкилӣ, монеаҳои ноаёнро, ки ба иҷрои амалии бизнес-нақша халал мерасонад, пешбинӣ намояд.

Вазифаҳои номбаршуда, ки бояд дар бизнес – нақша ҳал карда шаванд, ба пуррагиву ботартибии дурнамои лоиҳаи сармоягузорӣ баҳо медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, он ҳамчун шакли асоснокии

пешакии техникӣ - иқтисодии лоиҳаҳои калону миёна дар банақшагирии фаъолият баромад мекунад, ки пешниҳоди он нигоҳ доштани фаъолияти самараноки кори ширкатро таъмин мекунад. Мувофиқи корхонаҳои хурди саноатӣ ва бизнес-лоиҳаҳо бизнес–нақша накшаест, ки натиҷаи лоиҳаи пурраро ифода мекунад.

Бизнес–нақшаро ҳайати идоракунии ширкат, сармоягузорон (сармоягузорон), шарикони нерӯманд самаранок истифода мебаранд.

Ҳайати идоракунии ширкат бизнес-нақшаро барои тавсия ва таъмини ҳалли ин масъалаҳо истифода мебаранд:

- муайян кардани доираи масъалаҳое, ки ҳангоми иҷрои мақсадҳои дар пеши худ истода корхона бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад;

- баҳо додан ба вазъи молиявӣ ва қобилияти рақобатии корхона дар бозори мавҷуда ва навъи молу хизматрасонӣ;

Сармоягузорон ва шарикони эҳтимолӣ бизнес-нақшаро истифода мебаранд:

- барои арзёбии самаранокии иқтисодии бизнес-лоиҳаҳои иҷронамудаи ширкат, ҳақиқӣ будани фоидаи дастрасшаванда;

- баргардонидани маблағ барои лоиҳа, пардохт намудани қарзҳое, ки қарздиҳандагон истифода мебаранд.

Дар иқтисоди бозорӣ бизнес–нақша воситаи корӣ мебошад, ки дар ҳамаи соҳаҳо ва намудҳои соҳибкорӣ истифода бурда мешавад. Бизнес-нақша ҷараёни кори ширкат, бо кадом роҳ роҳбарон масъалаҳои зеринро ҳал кардан мехоҳанд, тавсиф мекунад:

- баланд бардоштани самаранокии кор;

- муайян намудани самтҳову доираи фаъолияти ширкат, бозорҳои мақсаднок ва мавқеи ширкат дар ин бозорҳо;

- интихоби таркиб ва муайян намудани нишондиҳандаҳои сифати мол ва хизматрасонӣ, ки ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад;

- арзёбии хароҷоти истеҳсолӣ ва савдо доир ба ташкил ва фурӯши мол;

- арзёбии мувофиқатии кадрҳои ширкат ва шартҳои асосноккунии меҳнати онҳо ба талабот доир ба ноилшавии мақсадҳои пешбинишуда;

- муайян намудани чорабиниҳои бозоршиносӣ (маркетингӣ) оид ба омӯзиши бозор, муайян кардани нарх, ҳавасмандкунии фурӯш, таблиғот ва роҳҳои фурӯш;

- арзёбии ҳолати моддиву молиявии ширкат ва мувофиқатии захираҳои моддиву молиявӣ баҳри ноилшавӣ ба мақсадҳои пешбинишуда.

Барои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои пешбинишуда дида баромадани сохтори зерин, ки дар он роҳҳои тартиб додан ва амалӣ намудани бизнес-нақша пай дар пай нишон дода шудааст, зарур мебошад:




**Расми 1. Сохтори таҳия ва татбиқи бизнес-нақша**

Ҷиҳати хуби бизнес–нақша аз он иборат аст, ки нақшаи дуруст тартибдодашуда дурнамои рушди ширкатро ифода мекунад, яъне, ба масъалаҳои барои соҳибкор муҳим ҷавоб медиҳад, ки оё барои ин кор маблағ ҷамъ кардан мумкин аст, оё ин имконият медиҳад, ки даромади муносиб ба даст оварда шавад, то ки тамоми хароҷот ва маблағи сарфшуда руйпӯш карда шавад.

Ҳангоми тартиб додани бизнес–нақша дар хотир бояд дошт, ки маълумотҳои дар он нишондодашуда бояд пурра, дақиқ ва ҳамзамон, мухтасар бошанд. Аксар вақт ба соҳибкорони камтаҷриба ҳангоми тартиб додани бизнес–нақша дар он дохил намудани

нишондиҳандаҳои рақамӣ тавсия карда мешавад. Онҳо бо шарикони нерӯманди корӣ каме хоксорона, вале андаке самараноктар амал мекунанд. Дар як вақт ҳангоми калон будани ҳаҷми маълумотҳои гуногуни рақамӣ дарк кардан ва баҳо додани онҳо душвортар мегардад. Чунин ҳолат махсусан вақти бори нахуст шинос шудан бо нақша ба вуқуъ меояд. Бинобар ин, усули санҷидашудаи кушодани маълумот тавсия карда мешавад: онро аз рӯи нишондиҳандаҳои муайян таснифот намуда, бо шакли таҳлилӣ (ҷадвал) пешниҳод мекунанд. Дар намуди банизомдаровардашуда, вақте ки арзёбии муқоисавӣ имконпазир аст, маълумотҳои рақамиро фаҳмидан ба дараҷае осонтар ва натиҷабахш мегардад.

Бизнес-нақша ин тарзи ба дигарон расонидани ақидаҳои (идеяҳои) худ мебошад.

## 1.3. Вазифаҳои асосии таъиноти бизнес-нақша

Бизнес-нақша - тавсифи кӯтоҳ, дақиқ ва фаҳмои фаъолияти пешбинишуда, асбоби муҳим дар баррасии шумораи зиёди ҳолатҳое,и, ки барои интихоби ҳалли аз ҳама перспективӣ ва муайян кардани воситаҳои ба онҳо ноил шудан ёри мерасонад.

Таъиноти бизнес – нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ ин кӯмак расонидан ба соҳибкорон ва иқтисодчиён дар ҳалли чор вазифаи асосӣ мебошад:

- омӯхтани ғунҷоиш ва дурнамои бозори ояндаи фурӯш;
- арзёбии хароҷоте, ки барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот зарур аст. Сипас ченкунии онҳо бо нархҳое, ки аз рӯи он моли худро фурӯхтан мумкин аст, то ки даромаднокии эхтимолӣ муайян карда шавад.
- ошкор кардани «монеаҳои ноаён», ки кори навро дар солҳои аввали мавҷудияти он мушкилот эҷод мекунанд.
- муайян намудани он нишондиҳандаҳое, ки аз рӯи он мунтазам муайян кардан мумкин аст, оё кор пеш меравад ё ки дар ҳолати пастравӣ қарор дорад.

Бизнес – нақша барои асоснок кардани фаъолияти гумонбар мебошад ва баҳо додани натиҷаҳо барои муддати муайяни вақт хизмат мекунад. Дар робита ба ин, он метавонад ҳамчун дараҷаи ба муваффақият ноил гаштан ҳисобида шавад. Нақша шартномаест, ки барои идораи фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад ва аз ин ҷиҳат онро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи банақшагирии стратегӣ ва ҳамчун дастур барои иҷроиш ва назорат пешниҳод кардан мумкин аст. Бизнес-нақша ҳамчун воситае ба даст овардани сармоягузорӣ истифода мешавад. Дар ин самт, он ҳамчун як воситаи пурқуввати маблағгузории тиҷорат хизмат мекунад. Муҳим аст, ки бизнес-нақша ҳамчун ҷараёни банақшагирӣ ва воситаи идораи дохилифирмавӣ баррасии карда шавад.

Бизнес-нақшаи ҳамчун рекламаи хуб барои тиҷорати пешниҳодшуда бошад, ки барои ташаккули обрӯи фаъолият ёри мерасонад Аз ин рӯ, он бояд пайгир, зебо оро дода, пурмаълумот бошад. Бизнес-нақша омодагии ташкилотро ба хавфҳо нишон медиҳад.

Ҳашт масъалаҳои асосӣ, ки бояд дар бизнес-нақша инъикос карда шаванд:

1. Баррасии сармоягузории лоиҳа дар муқоиса бо меъёри озоди бозории фоизи қарзҳо, ки тавсифи оддии сармоягузориро ба сармоягузорӣ, масалан, дар вомбаргҳои давлатӣ тавсиф мекунад? Хавфҳои лоиҳа чӣ гуна ба назар мерасанд?

2. Ба таври зарурӣ ва талаботи муассир дар робита ба қаламфухан ва пешнињоди ояндадор бартарї барои рушд, рақобатпазир ё на ҳанӯз пурра ба фурӯши молҳо мувофиқ аст? Оё масъалаи ба даст овардани ҳадди аққал аввалин фармоишҳои калон дар маҳсулот азхуд карда шудааст?

3. Агар бозори фурӯш ба таври кофӣ рақобат ё нашри фурӯш бошад, бартариҳои рақобати корхона ва маҳсулоти он ба шумо имкон медиҳад, ки рақибони мавҷударо дар он ҷо ҳисоб кунед?

4. То чӣ андоза хароҷот дар ҳаҷми дастрасӣ ба таъминот ва хизматрасониҳо, бозори захираҳо (маводи хом, мавод, минтақаҳо, минтақаҳо барои маҳсулоти истеҳсолӣ) нақшаи бизнес?

5. Хатарҳои техникӣ ва тиҷоратии корхона (лоиҳа) ба қадри кофӣ ба ҳадди ақал расонида мешаванд?

6. Чӣ қадар абзорҳо, дар кадом шакл (пул, таҷҳизот, доно ва ғайра). Ва сармоягузорӣ аз сармояи сармояи корхона оғоз ва минбаъдаи корхона лозим аст?

7. Дурнамои наздиктарини вазъи молиявии ариза ва имкони гирифтани фоида (кай ва дар кадом шакл воқеӣ), ки мӯҳлати пешгирии корхона фаъолияти муваққатӣ дорад, ки бояд ба назар гирифта шавад ва надошта бошад Барои пешгирии лоиҳаи сарфашаванда ва сармояи сармоягузорӣ, барои пешгирии муфлисшавии корхонаи оғози оғози оғози кор.

8. То чӣ андоза оқибат, ба маънои ҳадди аксар ба фоида оптимизатсияшуда стратегияи ширкати ба нақша гирифташуда дар робита бо нархи беҳтарин нархи банақшагирифташуда, ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ ва андозаи сармоягузории замимашуда мебошад?

Бизнес-нақша ҳуҷҷати танҳо дохилии корхона нест. Ҳамчун ҳуҷҷати беруна, ӯ ҳамчун асос ё тавсеа барои робита бо контрагентҳо ва шарикони эҳтимолии молиявӣ амал мекунад, аз он ҷумла бо сармоягузорон, таъминкунандагони ашёи хом, мавод, сӯзишворӣ, таҷҳизот; миёнаравон дар фурӯши маҳсулоти корхона; корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки бо онҳо эътимоли дар самти илмию техникӣ, саноатӣ, сарпарастони имконпазири корхона сармоягузорӣ ва дигар фаъолиятҳо ҳамкорӣ кардан ҳаст;

Дар асоси бизнес-нақша лоиҳаҳои барориши коғазҳои қиматнок , пешниҳодҳо оид ба дастгирии давлатии корхонаҳо, дигар ҳуҷҷатҳое, ки инъикоси вазъ ва дурнамои рушди корхона таҳия карда мешаванд.

Зарурияти тайёр намудани бизнес-нақша дар ҳолати ҳал намудани масъалаҳои актуалии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла тайёри намудани ариза барои гирифтани қарз барои ташкилотҳои фаъолияткунанда ва

нав ба фаъолият даромада, кушодани кори нав ва муайян кардани профили корхона ва самтҳои фаъолияти тиҷоратии корхона, гирифтани дотатсияҳои давлатӣ ва мунитсиалӣ, баромади корхона ба бозори берунӣ ва ҷалби сармоягузории байналмиллали пайдо мешавад.

## 1.4. Машғулиятҳои амалӣ доир ба мавзӯъ

***Тестҳои санҷишӣ:***

1. _____________бо идеяҳои гуногуни инноватсионӣ, ки бо ташкил ва балоиҳагирии ширкатҳои нав вобастаанд, таҳия карда мешавад:

а) бизнес- нақша;

б) нақшаи муҳосиботӣ;

в) ҳисоботи молиявӣ;

г) санҷиш.

2. Қисми муқаддимавии бизнес-нақша аз чӣ иборат мебошанд?

а) хулосаи лоиҳа;

б) таблиғоти лоиҳа ба муассис оид ба исботи манфиати он;

в) маълумот дар бораи шарикон ё саҳмдорони асосӣ;

г) моҳияти лоиҳа, арзиш ва ҳаҷми маблағгузорӣ.

3. Бизнес-нақшаи сармоягузорӣ ______ таҳия карда мешавад.

а) ба идеяҳои гуногуни инноватсионӣ;

б) вобаста бо коркард ва ташкили шаклҳои нав;

в) барои татбиқи фаъолияти молиявӣ;

г) шакли моликият ва ҳисоби нишондиҳандаҳои техникӣ – иқтисодӣ.

4. Бизнес – нақшаи истеҳсолӣ __________ коркард мешавад.

а) ба ақидаҳои гуногуни инноватсионӣ;

б) вобаста бо коркард ва ташкили шаклҳои нав;

в) барои иҷрои фаъолияти молиявӣ;

г) шакли моликият ва ҳисоби нишондиҳандаҳои техникӣ – иқтисодӣ.

5. Кадом масъалаҳоро бо ёрии бизнес-нақша ҳал кардан мумкин аст?

а) таъин кардани вазифаҳо;

б) дарёфти кадрҳо ва мутахассисони хуб;

в) баланд бардоштани даромаднокии кор;

г) маҳсулотро ба кӣ фурӯхтан лозим.

***Ҳали масъалаҳо:***

***Масъалаи 1.*** Соҳибкор сумкаҳои занонаро истеҳсол карда, бо нархи 12 сомонӣ мефурӯшад. Хароҷоти доимӣ 500 сомонӣ, хароҷоти тағйирёбанда барои як сумка 7 сомониро ташкил медиҳад.. Барои фоиданок шудани фаъолияташ соҳибкор чунин меҳисобад, ки бояд 200 сомонӣ фоида ба даст орад. Вай чанд сумкаро истеҳсол намояд, то ки фоидаи банақшагирифташударо ба даст орад?

***Ҳал:***

Q2 = (Pr+FC)/(P-AVC) = (200+500)/(12-7)=700/5=140 дона

***Ҷавоб***: Ҳаҷми истеҳсолот барои он, ки фоида 200 сомониро ташкил диҳад, бояд ба 140 баробар шавад.

***Масъалаи 2.*** Маълум аст, ки ҳангоми даромад ройгон будан ба мусобиқа 30 000 мухлисон меоянд, вале зиёд намудани нархи чипта ба ҳар 1 сомонӣ шумораи онҳо ба 300 нафар кам мешавад. Агар ташкилкунандагони мусобиқа даромадро максималӣ кардан хоҳанд, кадом нархро бояд ба чипта муқаррар намоянд?

***Ҳал:***

Талабот ба чиптаҳоро вобаста ба нархи он бо функсияи QD = 30,000 - 300P ифода ёфтааст.

Даромадҳои ташкилкунандагон ба шумораи чиптаҳои фурӯхташуда ба нарх зарбшуда баробаранд.Он бояд ба ҳадди аксар расонида шавад:

(30000 - 300p) P → Макс

Ҳосила ҳисоб мекунем ва онро ба сифр баробар мекунем.

30000 - 600p = 0, p = 50 рубл., Q = 30000 - 300 * 50 = 15000.

***Ҷавоб***: Барои гирифтани даромади максималӣ нархи чипта бояд 50 рубл бошад ва 15,000 мухлисон ба бозӣ оянд.

***Масъалаҳо барои ҳали мустақилона***

***Масъалаи 3.*** Ширкати "Коди илмӣ" бо интишори маводҳои илмӣ-иқтисодӣ машғул аст, ки арзиши аслии он 10 сомониро ташкил медиҳад. Талабот ба онҳо бо формулаи Q = - 3000 100p ифода шудааст.

Барои гирифтани фоидаи ҳадди аксар ширкат боят чи қадар мавод ва бо кадом нарх фурӯшад?

***Масъалаи 4.*** Дар ҷадвал қисме дар бораи роҳҳои имконпазири пешбурди тиҷорат дар корхонаи «Капитализм» бо шарти хароҷоти доимии бетагйир оварда шудааст. Маълумоти норасоро барқарор созед.

**Ҷадвали 1- Нишондиҳандаҳои корхонаи “Капитализм”**

| | | Вариант 1 | Вариант 2 | Вариант 3 |
|---|---|---|---|---|
| Нарх, сомони | *p* | | | 30 |
| Ҳачми фӯрӯш, адад | *q* | 25 | 33 | |
| Даромад, сомони | *R* | | 1320 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Хароҷотҳои доимӣ, сомони | *FC* | | | |
| Хароҷоти тағирёбанда, сомони | *VC* | 800 | | 1800 |
| Хароҷотҳои умумӣ, сомони | *TC* | | | 2000 |
| Фоида, сомони | *G* | 250 | 120 | |
| Даромаднокӣ аз рӯи хароҷотҳо, % | *r* | | | 5 |

***Масъалаи 5.*** Корхонаи хурди "Ҳаёти ширин" ҳарруза тортҳо дпр ҳаҷми QS = 3P - 150 истеҳсол мекунад. Талаботи ҳаррӯза ба Qd = 150 - P баробар аст. Тағйирёбии нархи ва ҳаҷми тавозуниро ёбед, агар давлат тасмим гирад, ки андозро ба андозаи 8 сомони аз ҳар як торт фурӯхташуда талаб кунад?

***Масъалаи 6.*** Фӯрӯшанда маҷалла бо нархи 5 сомонӣ мефурӯшад. Хароҷоти доимӣ 200 сомонӣ, хароҷоти тағйирёбанда барои як маҷалла 3 сомониро ташкил медиҳад.Вай чанд маҷалла бояд фӯрӯхт, то ки ба сатҳи нуқтаи безарарӣ расад?

***Масъалаи 7.*** Фӯрӯшанда матоъро аз корхона бо нархи 15 сомонӣ харидорӣ намуда дар бозор бо нархи 20 сомонӣ ба як метр мефурӯшад. Хаҷми фӯруши ӯ ба 30 метр дар як моҳ баробар аст. Хароҷоти доимӣ 400 сомониро ташкил медиҳад. Агар корхона нархи фӯрӯшро 10% баланд кунад, даромади фӯрӯшанда чӣ тавр тағйир меёбад?

***Масъалаи 8.*** Дар ҷадвал қисме дар бораи роҳҳои имконпазири пешбурди тиҷорат дар корхонаи «Сайёҳ» бо шарти хароҷоти доимии бетагйир оварда шудааст. Маълумоти норасоро барқарор созед.

**Ҷадвали 2- Нишондиҳандаҳои корхонаи “Сайёҳ”**

| | | **Вариант 1** | **Вариант 2** | **Вариант 3** |
|---|---|---|---|---|
| Нарх, сомони | *p* | | | 15 |
| Ҳаҷми фӯрӯш, адад | *q* | 12 | 16 | |
| Даромад, сомони | *R* | | 650 | |
| Хароҷотҳои доимӣ, сомони | *FC* | | | |
| Хароҷоти тағирёбанда, сомони | *VC* | 400 | | 800 |

| | | Вариант 1 | Вариант 2 | Вариант 3 |
|---|---|---|---|---|
| Хароҷотҳо*и умумӣ, сомони | *TC* | | | 1000 |
| Фоида, сомони | *G* | 100 | 80 | |
| Даромаднокӣ аз рӯи хароҷотҳо, % | *r* | | | 8 |

# МАВЗӮИ 2. ТАСНИФОТИ БИЗНЕС–НАҚША ВА НАМУДҲОИ ОН

**2.1.Таснифи бизнес – нақша**
**2.2. Функсияҳои асосии бизнес-нақша**
**2.3. Намудҳои бизнес-нақшаҳо**
**2.4. Машғулиятҳои амалӣ доир ба мавзӯъ**

## 2.1.Таснифи бизнес – нақша

Бизнес-нақша аз давраҳои дур шинохта аст. Ва чун боз медонист, ки он барои худ он нест. бизнес - нақша дар ҳолатҳое таҳия мешавад, ки шумо бояд он чизеро, ки надоред, ба даст оред. Аксар вақт шумо барои амалисозии лоиҳаи худ пул надоред, аксар вақт ба шумо кӯмаки шарикӣ лозим аст (барои иҷрои фурӯш, таблиғот ё гирифтани маълумот). Мувофиқи чизҳое, ки шумо мехоҳед ва ин нақшаи бизнес-инкубр ҳал карда шаванд, сохтори он муайян карда мешавад ва мундариҷаи он ва мундариҷаи он.

Ҳар соҳибкори муваффақ, бо боварӣ метавон гуфт, ки як нақшаи корӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳим дар ташаккули фаъолияти худ хизмат мекунад. Дарки чӣ гуна ба таври дуруст баояндаи ширкат тарҳрезӣ, мо метавонем, ки дар натиҷаи мусбат ишора ба ташкилоти қарзӣ ё сармоягузор пешгӯи кунем.

Навиштани бизнес-нақшаи мумкин аст бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар аксари онҳо маълумоти хеле мушаххас ва равшан танҳо барои иқтисоддонон ва ё муҳосибон мебошад. Дар айни замон зарурати вуҷуд будани нақшаи корӣ дар тамоми бизнес –нав ё амаликунанда рӯҳ медиҳад.